آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

5 октябри соли 2024 Шанбе № 80 (15091)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru



Ангур ва дигар меваҷоте, ки дар вилояти Фарғона парвариш меёбанд, қадоқ гардида, ба ИМА, Аврупо ва дигар давлатҳо экспорт карда мешаванд.

Аз ҷумла, корхонаи хусусии «Sherakhun»-и ноҳияи Олтиариқ, ки бо технологияи замонавии қадоққунӣ муҷаҳҳаз гаштааст, имрӯзҳо ангур, шафтолу ва дигар меваҳоро содирот мекунад. Чанде пеш бо ИМА ва Полша дар ин самт шартномаҳои нав ба имзо расиданд. Соли гузашта ба тариқи таҷриба 1 тонна ангури «Net Cost» ба яке аз марказҳои тиҷоратии Ню-Йорк бароварда ва ба зудӣ фурӯхта шуд.

Имсол низ ба меваҳои хушсифат талабот зиёд аст.

Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Фарғона.

ШИРКАТҲОИ ЭРОН ДАР НАМАНГОН БА КОР САР МЕКУНАНД

Таваҷҷуҳи сармоягузорони Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки яке аз шарикони стратегии Ӯзбекистон ба шумор меравад, ба мамлакати мо афзуда, мехоҳанд дар кишварамон тиҷорати худро роҳандозӣ намоянд.

Ширкати «Best thermo solution» дар соҳаи металлургия пешсаф буда, барои корхонаҳои ин самт дегҳои саноатӣ ва гармкунакҳои заруриро истеҳсол мекунад.

Ширкати «Elektrogen», ки дар истеҳсоли муҳаррикҳои барқӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон пешсаф мебошад, мехоҳад дар Намангон корхонаи худро бунёд намояд.

Бояд гуфт, ки ширкати «Elektrogen» аз корхонаҳои бузурги истеҳсолкунандаи асосии моторҳои барқӣ дар диёри форс буда, асосан бо истеҳсоли навъҳои гуногуни муҳаррикҳо барои эҳтиёҷоти маишӣ ва саноатӣ машғул аст. Ҳоло дар ин корхона зиёда аз 50 намуди моторҳо истеҳсол карда мешавад.

Дар Намангон соҳаи саноат ривоҷ ёфта, бахусус, барои ҳамкорӣ бо давлатҳои ҳамсоя имкониятҳои калон мавҷуд аст.

Бо дарназардошти ин омилу имкониятҳо ширкати «Elektrogen» мехоҳад, ки дар Намангон аз рӯйи самти худ корхона таъсис диҳад.

ЎзА.

ИНТИХОБИ МАН – ВАТАНИ ОБОДАМ!

27 ОКТЯБР – РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ДЕПУТАТҲОИ ПАЛАТАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ШӮРОҲОИ МАҲАЛЛӢ

ИНТИХОБОТ 2024 27 ОКТЯБР ИНТИХОБИ МАН-ВАТАНИ ОБОДАМ

Матолиби мазкур дар доираи майдони бепули чопӣ, ки барои ташвиқоти пешазинтихоботии Ҳизби экологии Ӯзбекистон, Ҳизби халқиву демократии Ӯзбекистон ва Ҳизби сотсиал-демократии Ӯзбекистон «Адолат» ҷудо шудааст, нашр мешаванд.

(Матолиби мазкурро аз саҳифаҳои 2 ва 3 мутолиа кунед).

ТАЙЁРИИ ИНСПЕКСИЯ БА МАВСИМИ ТИРАМОҲУ ЗИМИСТОН

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ бо ташаббуси Инспексияи назорати истифода аз энергияи электр, маҳсулоти нафт ва гази назди Девони Вазирон доир ба мавзӯи «Ҷамъбасти вазифаҳои моҳҳои гузашта ва нақшаҳои оянда инспексия» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ муовини роҳбари «Ӯзэнергоинспексия» Хуршедҷон Эшқӯзиев таъкид кард, ки дар системаи инспексия як қатор ислоҳот ва дигаргуниҳо ҷорӣ гардид. Аз ҷумла, дараҷаи дониши 74 нафар коргар ҳангоми аттестатсия ғайриқаноатбахш дониста шуд.

Муайян намудани дурнамои рушди соҳаи энергетика, таҳияи стратегияҳо, баланд бардоштани самаранокии энергия, татбиқи тарҳҳои каммасраф, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани манбаъҳои барқароршаванда ва энергияи муқобил яке аз вазифаҳои асосӣ ба шумор меравад. Илова бар ин, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ, рушди заминаҳои ҳамкориҳои энергетикӣ бо кишварҳои ҳамсоя, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, таъмини ҳамгироии дурусти захираҳои энергетикӣ аз вазифаҳои асосии инспексия мебошад.

Сардори раёсати «Ӯзэнергоинспексия» Дилшод Каримов ба суоли мухбири рӯзномаи «Нурли жол» Эрсейт Ботурбеков «Аз сабаби мушкилот дар соҳаи энергетика бисёр коргарон аз кор озод карда шуданд. Муаммои асосии соҳа нарасидани кадрҳо аст ё чизи дигар?» чунин ҷавоб дод: – Ҳуҷҷатҳои зарурие, ки ба рушди соҳа нигаронда шудааст, таҳия шуда, супоришоту дастурҳои дахлдор дода шудаанд. Мутаассифона, ба кор хунукназарона муносибат мекунанд. Агар шаҳри Тошкандро мисол гирем, зерстансияҳои тақсимкунандае ҳастанд, ки шаҳрро бо қуввати барқ таъмин мекунанд, вале дар ягонтои онҳо дар фасли тирамоҳ корҳои профилактикӣ гузаронида нашудааст. Ҳарчанд ин кори муқаррарӣ аст.

Шоҳҳои дарахтони назди хатҳои кушоди интиқоли электр нашъунамо ёфта, ба симҳо ламс шудаанд, онҳоро бояд дар вақташ бурида ва тобистону зимистон тайёр шудан лозим.

Дар чорабинӣ масъалаҳои боз ҳам беҳтар намудани таъминот бо қуввати электр ва сари вақт пардохтани пули он, истифодаи манбаъҳои алтернативии қувваи барқу лампаҳои светодиодӣ ва нақшаҳои оянда дар ин самт, тайёрии идораҳои электр ба мавсими тирамоҳу зимистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Далер АЗИЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».

ҲАМКОРИИ САМАРАНОК

Гурӯҳи кории ҳокимияти вилояти Намангон бо мақсади шинос шудан бо иҷрои барномаи давлатии соҳибкорон, ҷорикунии инвеститсияҳои хориҷӣ ва амалигардонии лоиҳаҳои истеҳсоли саноати дорусозӣ ба ноҳияи Косонсой рафт. Онҳо аввал бо рафти корҳои бунёдкорӣ дар минтақаи озоди саноатии «Косонсойфарм» аз наздик шинос шуданд.

Дар ин ҷо соли 2019 Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Spring Pharmatseftik» дар ҳамкорӣ бо ширкати дорусозии Британиё «Medikal Kapitall LTD» ба кор шурӯъ карда буд. Арзиши умумии марҳилаи аввали корхона 4,5 млн. доллярро ташкил намуда, дар асоси лоиҳаи «Истеҳсоли воситаҳои тайёри доруворӣ» ба кор оғоз карда буд. Дар натиҷа имконияти бо кор таъминкунии 150 нафар шахсони эҳтиёҷманд ба вуҷуд омад. Имрӯзҳо бунёду таҷҳизонидани марҳилаи дуюми корхона бо иштироки сармоядорони Чин бо суръати баланд идома дорад. Дар натиҷа ба кор шуруъ кардани марҳилаи дуюми корхона, ки арзиши умумиаш 5 миллион доллярро ташкил мекунад, имконияти бо кор таъминсозии 50 нафар эҳтиёҷмандон фароҳам хоҳад омад.

Шоҳида ДАМИНОВА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

Пайдоиши ин маҷмӯи кӯлҳо ба солҳои 70-уми қарни сипаригардида рост меояд. Дар ибтидо ин ҷо, яъне ҳавзаи Сирдарё танҳо дорои оби ширин буд. Баъдан бо мурури вақту замон ба туфайли шӯршавии заминҳои корами дашти Мирзочӯл, хосса дар давоми бист соли охир ҷойи оби ширинро оби шӯр гирифт. Дар натиҷа олами зиндаи ин кӯлҳо ба оби шӯр мутобиқат намуданд.

ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲО ДАР МАҶМӮИ КӮЛҲОИ АЙДАР–АРНАСОЙ

Ҳоло он дар қаламрави ҷумҳуриамон яке аз ҳавзаҳои оби нодир ба шумор меравад. Дарозии кӯл аз самти шарқ ба ғарб қариб 200 километр, бараш аз шимол ба ҷануб 30-35 километрро ташкил медиҳад. Майдони умумии кӯлҳо 3000 километри мураббаъ буда, дар ин ҳавза 34 миллиард метри мукааб об меғунҷад.

Бо мақсади босифат ва саривақт ба иҷро расонидани қарори Президент «Дар бораи ҷоравду тадбирҳои такмил додани идоракунии низоми кӯлҳои Айдар-Арнасой» аз 22 феврали соли 2022 ба нақша гирифта шудааст, ки дар кӯли Тузкон бунёди маскани истироҳатӣ ба роҳ монда шавад. Ин нақша аз ҷониби «Pro Fish Line» роҳандозӣ гардидааст.

Баҳри баланд бардоштани салоҳияти сайёҳии маҷмӯи кӯлҳои Айдар-Арнасой сохтани маскани истироҳатӣ, аз ҷумла пляж, бунёд намудани маҷмӯи меҳмонхонаҳо, масканҳои солимгардонӣ-истироҳатӣ, нуқтаҳои савдо, ҷойҳои вақтхушӣ дар назар аст. Бо ин роҳ адади сайёҳони хориҷӣ афзун хоҳад шуд.

Ҳамчунин дар ноҳияҳои ба ин кӯлҳо ҳамҳудуди Фориши вилояти Ҷиззах ва Конимехи вилояти Навоӣ бобати инкишофи экотуризм ва шикорчигӣ популятсияи ҳайвоноти ёбоӣ ва пас ба оғӯши табиат сар додани он дар назар дошта шудааст.

Ба нақша гирифта шудааст, ки тайи солҳои 2023-2027 корхонаҳои азнавкоркарди моҳӣ ташкил ёбад ва барои ин ва ба ҳамин монанд лоиҳаҳо 30 миллион доллари Амрико ҷалб карда шавад. Дар натиҷаи ин ҳазорто ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешавад.

Дар ин замина қарори Президент «Дар бораи пурзӯр намудани ҳифзи олами ҳайвонот ва рустании маҷмӯи кӯлҳои Айдар–Арнасой ва баланд бардоштани самаранокии таъмини амнияти ҷамоатии он» басо муҳим мебошад.

Ба қарибӣ ҳокими вилоят ҳам дар ин ҳудуд бо аҳолӣ вохӯрд ва қабули сайёр гузаронд. Доир ба масъалаҳои номбаркардашуда ҳарф зад.

Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

ХОНАҲОИ НАВ БА ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

Дар ноҳияи Учқӯрғон бинои чорошёнаи хизматӣ, ки аз 32 хонаи истиқоматӣ иборат аст, ба хизматчиёни ҳарбии шуъбаи ҳифзи сарҳадии қисми ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Хидмати амнияти давлатӣ супорида шуд.

Дар ин бинои истиқоматӣ, ки хонаҳо аз ду ва се ҳуҷра иборат аст, барои хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаи онҳо шароиту имконияти зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Ба соҳибони хона калидҳо супорида шуд. Иштирокчиёни тадбир ба хонаҳо даромада, бо шароит ва имконҳои фароҳамоварда шинос шуданд.

– Аз вилояти Қашқадарё омадаем, – мегӯяд Улдон Дайновова. – Касби ҳамсарам ҳарбӣ. Бо тақозои касб лозим меояд, дар ҳудудҳои гуногун фаъолият баранд. Имкони имрӯза, яъне бо хонаи нав таъмин шудани мо ба ҳар як оила хурсандӣ овард. Мо – бонувон аз шароитҳои фароҳамоварда боз дучанд хурсанд шудем. Барои бачаҳо хонаҳои алоҳида, ошхонаю меҳмонхонаи замонавӣ ... То ин вақт ин хел шароит надида будем. Барои имконияту шароитҳо ба роҳбари давлатамон, ба бинокорон таҳсин мегӯем .

Шоҳида ДАМИНОВА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

РУШДИ СОҲАИ ХИДМАТҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР МАРҲИЛАИ НАВ

Дар нишасти матбуотие, ки дар Маркази матбуоти миллӣ баргузор шуд, масъулони Агентии рушди хидмати давлатии назди Президент, рӯзноманигорон ва намояндагони ҷомеа иштирок карданд. Дар чорабинӣ доир ба корҳое, ки дар самти рушди хидмати давлатӣ тайи солҳои охир анҷом дода шудаанд, навоварӣ ва нақшаҳои оянда маълумот дода шуд.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир заминаи ҳуқуқии система ташаккул ёфта, 678 лоиҳаи танзими хидмати шаҳрвандии давлатӣ аз ҷониби мақомоту ташкилотҳои давлатӣ баррасӣ гардид. Аз ҷумла, 53 қонун, 216 қарори Президент, 270 қарору фармоиши Девони Вазирон ва 5 санади идоравӣ. Илова бар ин, дар маҷмӯъ 49 санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки ба рушди хидмати давлатӣ нигаронида шудаанд, таҳия гардид.

Дар хидмати давлатӣ тамоюли меритократӣ ҷорӣ карда шуд. Аз ҷониби Агентии рушди хидмати шаҳрвандии давлатӣ фаъолияти портали ягонаи кушоди ҷойҳои холӣ – vacan-cy.argos.uz ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа дар раванди қабул ба хидмати давлатӣ ошкорбаёнӣ ва шаффофият таъмин гардид. Дар давраи гузашта барои вазифаҳои холӣ зиёда аз 190 ҳазор озмун баргузор гардид. Беш аз 3 млн. номзад дар озмунҳо ширкат варзиданд, ки 25 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳад. Дар натиҷаи интихобот 72 ҳазор кадри ихтисоснок қабул карда шуданд.

Дар чорабинӣ ҳамчунин таъкид шуд, ки низоми мутобиқгардонии фаъолияти кадрҳо дар мақомоти давлатӣ ва созмонҳо ба вуҷуд омадааст.

Аз ҷумла, то имрӯз ба платформаи hrm.argos.uz 70 сохтори давлатӣ пайваста, фаъолияти қариб 3 ҳазор сохтори таркибӣ пурра рақамӣ гардида, шумораи ҳуҷҷатҳои дар платформа сабтшуда аз 130 ҳазор гузаштааст ва модули «Сафари хидматӣ» ба кор андохта мешавад.

Захираи кадрҳои миллӣ ташкил шуда, беш аз 2 ҳазор номзад ба вазифаи ҳокимҳо дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва 206 ноҳияву шаҳри Тошканд омӯхта шуданд. Ба захираи кадрҳои миллӣ 1167 номзад интихоб карда шуда, 634 нафари онҳо дар асоси барномаи махсуси таълимӣ таҳсил гирифтанд.

Ба захираи кадрҳои салоҳиятдор 1000 нафар номзадҳо, ки дар байни ёварони ҳокими ноҳияҳо, пешвоёни ҷавонон ва занони фаъол натиҷа додаанд, интихоб карда шуданд.

197 нафари онҳо Академияи идоракунии давлатиро хатм карданд.

Механизми ҳифзи ҳуқуқи хидматчиёни давлатӣ такмил ёфт. Бо ин мақсад 13 тадқиқоти комплексӣ ва 1290 мониторинг гузаронида шуд. Дар натиҷа ҳуқуққои поймолшудаи 534 нафар кормандон барқарор шуда, дар 70 маврид бо сабаби вайрон кардани қонун рафти интихоб қатъ гардид.

Дар ташаккули захираҳои инсонӣ ва салоҳияти кадрӣ технологияи муосир истифода мешавад. Бо мақсади ташаккул додани донишу малакаи муосири хидматчиёни давлатӣ зиёда аз 500 курси анъанавӣ ва фосилавии такмили ихтисос ташкил карда шуд.

Дар онҳо зиёда аз 165 ҳазор хидматчиёни давлатӣ иштирок карданд. Курси «Мактаби занони роҳбар» барои 120 нафар занони фаъол ба роҳ монда шуд. 155 барномаи «Соати маърифатӣ-сиёсӣ» намоиш дода шуд.

Хидмати шаҳрвандии давлатӣ рақамӣ ва амнияти иттилоотӣ таъмин карда шуд. Инчунин дар хидмати давлатӣ низоми интихоб таъсис ёфт.

Фаъолияти фонди «Элюрт умиди» мутобиқ гардонида шуд. 7 озмуни стипендия гузаронида, 682 нафар довталаб соҳиби стипендияи фонд гардид.

Бояд гуфт, ки самти ҳамкории байналхалқӣ дар сохтор ба зинаи нав баромад. Агентӣ бо зиёда аз 20 вазорату идора, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои кишварҳо, аз қабили Британиёи Кабир, Олмон, Фаронса, Латвия, АМА, Туркия, Чин, Куриёи Ҷанубӣ, Русия, Қазоқистон ва Қирғизистон ҳамкориҳоро ба роҳ монд. Бо дастгирии коршиносони хориҷӣ дар зиёда аз 60 кишвар таҷрибаомӯзӣ бо кумаки экспертҳои хориҷӣ қариб 50 семинар ва тренинг дар шакли онлайн ва офлайн баргузор гардид.

Бо созмонҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ, Бонки ҷаҳонӣ, Комиссияи байналмилалии хидмати давлатӣ, CMM, USAID ва Созмони давлатҳои туркӣ ҳамкориҳо ба даст омад.

Зимни нишасти матбуотӣ ҳамчунин доир ба самтҳои афзалиятноки дар сохтор муқарраргардида маълумот дода шуд.

М. МАМАҶОНОВА, хабарнигори «Овози тоҷик».

БЕМОРХОНАИ НАВ ДАР ПОЙТАХТ

Дар роҳи таҳким бахшидани саломатии репродуктивии аҳолӣ, хусусан, ҳарҷониба солим ба воя расондани ҷавонон, дар мамлакатамон корҳои муҳим ба амал бароварда мешаванд. Инро дар мисоли беморхонаи бисёрсоҳаи бачагонаи шаҳр низ дидан мумкин.

Дар ифтитоҳи муассисаи нави тиббӣ иҷрокунандаи вазифаи вазири ҳифзи тандурустӣ Асилбек Худоёров, муовинҳои ҳокими шаҳр Дурдона Раҳимова ва Шаҳноза Султонова, масъулини Раёсати ҳифзи тандурустии шаҳр, иттиҳодияҳои тиббии ноҳияҳо ва дигарон ширкат варзиданд.



Дар ин марказ, ки дорои 500 кат мебошад, ба кӯдакон ҳама гуна хидмати босифати тиббӣ расонида мешавад. Хонаҳо бо таҷҳизоти муосири тиббӣ, дастгоҳҳои ташхисӣ муҷаҳҳаз буда, бо ходимони зарурӣ таъмин гаштааст.

Аз ҷумла, дар муассиса шуъбаҳои отоларингология, травматология ва ортопедия, соматика, нефрология ва гемодиализ, неврология, тавонбахшӣ, ёрии паллиативӣ, гастроэнтерология, бемориҳои сироятӣ, реаниматсия ва ташхису лаборатория мавҷуд аст.

Шуъбаи ташхиси марказ, ҳамчунин бо таҷҳизоти муосири тиббӣ аз қабили томографи магнитӣ-резонансӣ (МРТ), томографияи компютерии мултиспиралӣ (МКТ), рентгени рақамӣ, дастгоҳи ташхиси ултрасадо (УТТ) муҷаҳҳаз мебошад.

Дар беморхона бо мақсади расонидани ёрии зарурӣ ба беморони ниёзманди ёрии таъҷилӣ, утоқҳои «Ёрии таъҷилӣ» мавҷуданд.

Матн ва сурати Д. ШУҲРАТЗОД.

Дар павилони «Заковат»-и ташкилоти ғайридавлативу ғайритиҷоратии «Заковат интеллектуал клуби»-и шаҳри Тошканд дар доираи олимпиадаи «Панҷ ташаббус» байни ҷавононии маҳаллаҳо зинаи ҷумҳурии бозии зеҳнии «Заковат» гузаронида шуд.

ҶАВОНОНИ МАҲАЛЛАҲО ДАР БОЗИИ «ЗАКОВАТ» РАҚОБАТ КАРДАНД



Дар мусобиқа аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ҷамъ 42 дастаи иборат аз ҷавононии маҳаллаҳо, ки дар зинаҳои минтақавии бозӣ ҷойҳои ифтихории якум, дувум ва сеюмро ба даст овардаанд, иштирок карданд.

Мусобиқа дар чор давра доир гардида, дар ҳар яки он ба дастаҳо 12-той савол, ҷамъ 48 савол пешкаш карда шуд.

Бино ба натиҷаҳои ниҳоӣ дар зинаи ҷумҳурӣ дастаи ҷавононии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Пахтазори ноҳияи Косони вилояти Қашқадарё бо дарёфти 37 ҷавоби дуруст ҷойи якумро ба даст оварданд ва бо 100 миллион сӯм мукофотпулӣ ва нишонҳо сарфароз гардиданд. Ҷойи дувум ба ҷавононии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ҳӯрғонтеппаи ноҳияи Сардобаи вилояти Сирдарё насиб гардид ва ба онҳо 60 миллион сӯм мукофотпулӣ ва нишонҳо тақдим карда шуд. Ба ҷоизадорони ҷойи сеюм – дастаи ҷавононии маҳаллаи Канглии ноҳияи Қӯнғироти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон 40 миллион сӯм ва нишонҳо супориданд.

– Мусобиқаи «Заковат» дар се зина – ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳурӣ гузаронида шуд, – гуфт узви дастаи ҷавононии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Демурсади ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона Фирӯз Мирзоҷонов. – Мо пас аз пирӯзӣ дар зинаи ноҳиявӣ, дар зинаи вилоятӣ ширкат намудем. Дар ин марҳила дар байни 19 дастаи ғолиби зинаи шаҳриву ноҳиявӣ ҷойи якумро гирифта, роҳхатро барои иштирок дар зинаи ҷумҳурӣ ба даст овардем. Имрӯз дар мусобиқа ба 25 савол ҷавоби дурустро дарёфта, мақоми 12-умро ишғол кардем. Ният дорем, ки дар мусобиқаҳои оянда низ иштирок карда, пирӯзиро ба даст орем.

Фаридун ЙӮЛДОШЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

НАҚШИ МАҲАЛЛА ДАР ЗИНДАГИИ МАРДУМИ МАҲАЛЛӢ

Дар маҷмааи «Роҳи абрешим»-и шаҳри Самарқанд таҳти унвони «Нақши маҳалла дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми маҳаллӣ» конфронси байналмилалӣ баргузор гардид.

– Ҳадаф аз баргузории конфронс амалӣ намудани вазифаҳои дар Барномаи «Аз камбизоатӣ то фаровонӣ» муайяншуда, таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстона ва амалӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, муаррифии корҳо дар самти дастгирии фаъолияти худидоракунӣ мебошад, – изҳор намуд раиси Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон Қ. Қуронбоев. – Имрӯзҳо маҳалла дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии мо фаъолона иштирок мекунад. Аз ҷумла, рушди соҳибкорӣ, бо кор таъмин намудани аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, расонидани кумаки иҷтимоӣ ва амсоли он аз ҳамин шумаранд.

Аз вақти таъсиси худ иттиҳодия оид ба такмили низоми худидоракунӣ ва дар ин самт омӯхтани таҷрибаи байналмилалӣ корҳои муайянеро анҷом додааст. Яке аз ин корҳо барқарор кардани робита бо сохторҳои бонуфузи ҷаҳонӣ мебошад. Аллакай ҳайатҳои густардаи Ӯзбекистон барои омӯхтан ва ивази таҷриба ба Ҷумҳурии Мардумии Чин, Туркия, Қазоқистон, Қирғизистон ва амсоли он сафар кардаанд.

Конфронси Самарқанд дар паҳн кардани таҷрибаи Ӯзбекистон дар ташаккул ва рушди ниҳоди маҳалла, инчунин таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар арсаи байналмилалӣ нақши асосиро хоҳад бозид.

Чорабинии байналмилалӣ бисёре аз созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва коршиносони беш аз 70 кишвари ҷаҳонро дар як платформа муттаҳид кард.

Маҳаллаи ҳафтгона низомест, ки аз ҷониби Президент пешбарӣ шудааст ва аҳамияти он имрӯз маълум мегардад. Ҳамин тавр, барои омӯхтани ин таҷриба ҳамаи асосҳо мавҷуданд.

Пас аз анҷоми конфронс байни Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон, СММ ва USAID эъломияи муштарак ба имзо расид.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».
САМАРҚАНД.

Хабарҳо аз вилоятҳо

ҚАБУЛИ САЙЁР ДАР БУХОРО

Раиси Кумитаи оила ва занону духтарони ҷумҳурӣ Озода Парпиева бо мақсади омӯхтани ҷараёни корҳо бобати афзун гардондани фаъолии бонувон дар ҳудудҳо, бо шӯъл фарогирӣ ва ба соҳибкорӣ рӯ овардани онҳо, мустаҳкам намудани оилаҳо, қарор додани тарзи зиндагии солим байни занону духтарон, пойдор намудани таҳкими саломатии репродуктивӣ ба Бухоро омад.

Раиси кумита ҳангоми ташрифаш дар маҳаллаи «Маҳмуд Тороби»-и шаҳри Бухоро барои шахсони ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ қабули сайёр гузаронд. Дар оғози қабул ба аъзои оилаҳое, ки манбаи даромад надоранд, аз муҳоҷирати хориҷӣ баргаштаанд, умеди соҳибкорӣ доранд ва шомили «Дафтари бонувон» ҳастанд, бо мақсади фароҳам овардани ҷойи корӣ иловагӣ дар асоси субсидӣ мошинаҳои дарздӯзӣ супорида шуд. Инчунин дар чорабинӣ ба шаҳрвандон бобати тартиби дида баромадани мурочиатҳо аз ҷониби масъулони ташкилоту идораҳо инфрасохтори рушдёбии ҳудуд, гирифтани субсид низ маълумот дода шуд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти БУХОРО.

ЧАРО «САНГЗОР» ОЛУДА МЕШАВАД?

Ин дарё аз Самарқанд маҷро гирифта, ноҳияҳои Бахмал, Ғаллаорол ва шаҳри Ҷиззахро убур мекунад. Он 143 километр дарозӣ дорад. Дар ду соҳили дарё ҳазорҳо нафар одамон хонаву манзил сохта, умр ба сар мебаранд.

Вақтҳои охир ба туфайли муносибати хунукназаронаи аҳолӣ оби дарё хеле олудаву нопок шуд. Мардум партовҳои гуногунро ба дарё ё атрофи он ҳаво медиҳанд. Болокорӣ обҳои партови чандин маҳаллаи шаҳри Ҷиззах низ ба ҳамин дарё омада мепайвандад. Дар ҳоле, ки коргарони корхонаҳои унитарии «Тоза ҳудуд», ҳоло «Эко сфера» атрофро аз партовҳо тоза мекунанд, мардум ба тозагии табиат ва муҳити атроф беэътино, ҳатто беҳад бераҳманд. Ин аст, ки оби дарё ба ин ҳоли ҳузновар расидааст.

Ба наздикӣ гурӯҳи журналистон ба соҳилҳои дарёи «Сангзор» сафари матбуотӣ ба анҷом расониданд.

– Солҳост, ки маро низ ин муаммои сарбаста ба ташвиш овардааст, – мегӯяд сармутахассиси назорати хоҷагии оби вилояти Ҷиззах Ҷӯра Қароев. – Дар ин хусус борҳо ба идораҳои масъул мактуб ирсол намудем. Ҳоло вақти он расидааст, ки ба ин масъала бо масъулияти ҷиддӣ ва дилсӯзӣ муносибат намоем. Вагарна ба табиат зарари калон мерасад.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

БА ДЕҲИБАЛАНД ОБ ОМАД

Мушкилоти оби ошомиданӣ имрӯз на танҳо дар кишвари мо, балки кулли кишварҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ дар Ӯзбекистон, ҳатто дар деҳоти дурдасти кӯҳистон зина ба зина амалӣ мегардад. Ҳалли мушкилот ба вазифаи муҳими сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Бо қарори Президент аҳолии наздики 400 хонадони маҳаллаи Деҳибаланди ноҳияи Нурато бо оби ошомиданӣ таъмин гардиданд. Ба ин мақсад дар масофаи 4,3 км лӯлаҳо кашида шуда, бори аввал аҳолӣ бо оби ошомидании марказонидашуда таъмин гардид. Аз ин воқеаи фарамӯшнопазир шодию хурсандии мардумро интиҳо набуд. Чандин сол аст, ки шаҳрвандони маҳаллаи Деҳибаланд аз оби ошомиданӣ тангдастӣ доштанд. Ва инак муаммо ҳалли худро пайдо кард.

Дар чорабинише, ки бахшида ба ин рӯйдоди нек доир гардид, роҳбари идораи «Навоий сув таъминоти» О. Зарифов, мушовири раиси ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзсувтаъминот» Б. Қурбонов ва ҳокими ноҳия А. Файзиев иштирок намуда, аҳолиро ба муносибати омадани оби ошомиданӣ муборакбод ва ба кормандони бунёдкор изҳори миннатдорӣ намуданд.

ҲОКИМ ДАР ХАТИРЧӢ

Ҳар як ташрифи ҳокими вилоят ба ноҳия ва маҳаллаҳо аз манфиат холӣ нест, чанд мушкилоти мавҷуда ҳаллу фасл мешавад. Ташрифи навбатии ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов ба минтақаи хурди саноатии ноҳияи Хатирчӣ сурат гирифт.

Имрӯз дар ноҳия як минтақаи хурди саноатӣ ва соҳибкорони ҷавон фаъолият доранд. Дар ин минтақаҳои саноатӣ, ки дар ҳудуди 14,1 гектар таъсис ёфтаанд, 41 лоиҳаи саноатӣ ва хидматрасонӣ ба маблағи 144,9 миллиард сӯм татбиқ меёбад. Зимни амалисозии лоиҳаҳо 350 нафар бо шуғли доимӣ таъмин мегарданд. Имрӯз 14 лоиҳаи сармоявӣ бо маблағи 92,2 миллиард сӯм дар амал татбиқ шуда, 180 нафар бо шуғли доимӣ таъмин гардиданд.

Ҳамчунин мақсад гузошта-анд, ки дар минтақаҳои саноатӣ 27 лоиҳаи нав бо маблағи 52,76 миллиард сӯм дар амал татбиқ гардад.

Зимни вохурӣ бо ҳоким масоили ворид намудани саноат ба деҳот, андоз ва ташкили сохторҳо муҳокима гардиданд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

ЛАБОРАТОРИЯИ РАСТАНИПАРВАРӢ ТАШКИЛ МЕГАРДАД

Ҳокими вилояти Сирдарё М. Маҳмудалиев бо муовини раиси ноҳияи Оухайи вилояти Чжэтсзяни Чин Ю. Хюемэй вохӯрд.

Таъкид гардид, ки муносибатҳои бисёрҷанбаи шарикии амалии Ӯзбекистону Чин дар ду соли сипаришуда бо ташаббусу иродаи сиёсии Сарварони ду давлат ва ба туфайли муошираи мунтазаму самарабахш таҳким меёбанд. Дар рафти мулоқот масъалаҳои рушди ҳамкориҳои созанда ва судманди минтақаҳо низ баррасӣ шуданд. Зарурати густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои инноватсия, илм, маориф ва омодасозии кадрҳо таъкид шуд.

Байни Донишкадаи давлатии педагогии Гулистон ва корхонаи муштараки «Peng Sheng» аз рӯйи бунёди «Лабораторияи растанипарвари Зҳежианг ва Ӯзбекистон» меморандуми сетарафа ба имзо расид. Дар лаборатория анҷом додани тадқиқотҳои илмӣ бобати дигаргун сохтани комёбиҳои техникӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва парвариши навъи серҳосили растаниҳои ба шароити маҳал мувофиқ пешбинӣ шудааст. Инчунин, якҷоя бо мактабҳои олӣ дастуру маҳолаҳо тайёр карда мешаванд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти СИРДАРЁ.

ЭНЕРГИЯИ «САБЗ» ВА МУҚОБИЛ ТАКЯГОҲИ МУҲИМИ УСТУВОРИИ ИҚТИСОДИ МАМЛАКАТ МЕБОШАД

Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ гуфта мешавад, ки «сабзгардонӣ»-и иқтисодиёт, дар заминаи гузаштан ба энергияи «сабз» ва дигар намудҳои муқобили он қонеъ намудани талабот ба неруи барқ, ки сол то сол зиёд мешавад, дар роҳи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқ шудан ба он қадами муҳим ба шумор меравад. Ба ин саъю талошҳо, ки дар саросари ҷаҳон оғоз гардидааст, Ӯзбекистон ҳам фаъол ҳамроҳ мешавад.

Қадами аввал дар роҳи гузариш ба иқтисоди «сабз» рушди соҳаи энергетика, бахусус, манбаъҳои барқароршавандаи энергия маҳсуб меёбад. Ин дар баробари истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои табиӣ, устувории мувозинати экологиро таъмин мекунад.

Ҳизби экологии Ӯзбекистон дар Барномаи пешазинтихоботии худ, ки барои солҳои 2024-2029 пешбинӣ шудааст, роҷеъ ба «сабзгардонӣ»-и соҳаи энергетика ташаббусу пешниҳодҳои амиқ ба миён гузоштааст.

Якум, бо энергияи бехатар ва устувор таъмин намудани аҳолӣ ва тамоми шабакаҳои иқтисодиёт дар раванди гузариш ба иқтисодиёти «сабз».

Ҳоло аксар зеристгоҳҳо ва стансияҳои трансформатории асосӣ ва шабакаҳои тақсимкунандаи шабакаи энергетикӣ маънан кӯҳна шудаанд ва раванди навсозии система нисбатан суст ҷараён дорад, ки дар натиҷа, дар соҳа талафоти технологӣ зиёд боқӣ мемонад. Масалан, талафоти технологии неруи барқ дар шабакаҳои магистралии мавҷуда ба ҳисоби миёна **2,7 фоиз** ва дар шабакаҳои тақсимотӣ беш аз **12,4 фоизро** ташкил медиҳад, ки ин нишондод нисбат ба кишварҳои хориҷӣ бештар аст.

Бо назардошти ин, Ҳизби экологии Ӯзбекистон дар барномаи пешазинтихоботии худ мақсад гузоштааст, ки **тавассути ҷорӣ кардани технологияҳои камсарфи энергия дар саноат, сарфи энергияро то 50 дарсад кам намуда, то соли 2030 ҳиссаи манбаъҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барқароршавандаи баркро дар таносуби энергия на кам аз ду баробар зиёд намояд.**

Мо чунин меҳисобем, ки барои таъмини устувории энергетикӣ минбаъд такмил додани пойгоҳи ҳуқуқии соҳа зарур аст.

Вазифаи навбатии муҳим – қадр, сарфа ва бамаврид истифода намудани ин неъмат мебошад.

Ҳизби экологии Ӯзбекистон бобати таъминоти бефосилаи истеъмолкунандагони мамлакатамон бо неруи барқ чунин вазифаҳои асосиро ба миён мегузорад:

якум – таъмини эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ ба неруи барқ аз ҳисоби иқтидори истеҳсолии неруи барқи дохилӣ, новобаста аз воридоти захираҳои энергетикӣ ва ба ин васила таъмини бехатарии энергетикӣ;

дуюм – баробари афзунсозии самаранокии энергия дар иқтисодиёт, дар айни замон кам кардани сарфи энергияи он, аз ҷумла, роҳандозии механизмҳои иқтисодие, ки ба рағбатноксозии истифодаи оқилонаи қувваи барқ аз тарафи истеъмолкунандагон нигаронида шудаанд;

сеюм – бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзун, баланд бардоштани самаранокии қувваи барқ тавассути кам кардани талафоти энергия дар истеҳсол, интиқол ва тақсимоти неруи барқ;

чорум – аз ҳисоби зина ба зина нав кардан ва истеҳсол намудани таҷҳизоти барқӣ, инчунин, зиёд намудани захираи иқтидори шабакаҳои барқӣ, пешгирии кӯҳнашавии таҷҳизоти барқӣ;

панҷум — боз ҳам рушд додани истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, васеъсозӣ ва ба системаи ягонаи барқӣ вобаста намудани онҳо;

шашум — таҳияи модели самараноки бозори энергетикии барқ.

ӦЕР O'zbekiston Ekologik partiyasi
БАРОИ ТАБИАТ МУТТАҲИД ШАВЕМ!

Пешниҳодҳои муҳим дар бораи қабули барнома роҷеъ ба **ҷорӣ намудани манбаъҳои истеҳсоли микроэнергетика дар корхонаҳои калони саноатӣ, то соли 2050 аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия таъмин намудани системаи гармидиҳии 60-80 фоизи хонадонҳо**, ки дар барномаи пешазинтихоботии мо ҷой гирифтааст, бешубҳа, қадами бузурге бобати афзунсозии самаранокии энергия дар мамлакатамон хоҳад буд.

Масалан, ҳизби мо пешниҳод мекунад, ки **барои ҳамаи тоифаи истеъмолкунандагоне, ки манбаи барқароршавандаи энергияро механд ва аз он истифода мебаранд, ба андозаи 50 фоизи нархи хариди ин дастгоҳ низоми тақдими субсидияи давлатӣ** ҷорӣ карда шавад. Ғайр аз ин, пешниҳоди мо аз рӯйи роҳандозии системаи рағбатноксозии лоиҳаҳо бобати **бунёди хонаҳои арзони каммасрафи барқ**, маҳз бо назардошти талаботи имрӯза таҳия гардидааст.

Дуюм, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ тавассути рушди энергияи барқароршаванда ба масъалаи муҳимтарини рӯз табдил ёфтааст.

Ӯзбекистон аз ҳисоби истифодаи энергияи карбогидрат – нафт, газ, ангишт ҳамасола камаш **4,5 дарсад** маҷмӯи маҳсулоти дохилии худро аз даст медиҳад. Аз ин рӯ, гузариш ба «энергетикаи сабз», ки дар мамлакатамон ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам экологӣ самаранок ҳисобида мешавад, аз ҳар ҷиҳат афзалтар аст.

Дар натиҷаи дар мавсими тирамоҳу зимистон дар системаи гармидиҳии аҳолӣ ва хоҷагии халқ бештар истифода гардидани энергия, дар таъминоти барқ камбудиҳои муайян ба миён меоянд. Аз ҷониби ҳизби мо ташаббусе пешбарӣ мешавад, ки метавонад роҳи ҳалли муносиби ин мушкил бошад. Мо пешниҳод мекунем, ки **аз рӯйи бо манбаъҳои барқароршавандаи энергия фаро гирифтани 60-80 дарсади системаи гармидиҳии хонаҳо то соли 2050 барнома қабул** карда шавад.

Сеюм, таъмини бехатарии экологии мамлакат дар шароити тағйирёбии иқлими глобалӣ ва ташкили иқтисодиёт дар асоси рушди устувори экологӣ.

Бояд гуфт, ки барои татбиқи ин ғоя Ҳизби экологии Ӯзбекистон дар барномаи пешазинтихоботии худ як қатор вазифаҳоро муайян кардааст. Аз ҷумла:

– **аз андози арзиши иловагӣ озод кардани субъектҳои соҳибкорие**, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол мекунанд;

– ҷорӣ намудани системаи **маблағгузории иқлим**, ки ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва кам кардани оқибатҳои он нигаронида шудааст;

– дастгирии сармоягузорони хусусӣ дар **ҷорӣ кардани инноватсияҳои «сабз»**, васеъсозии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамкорӣ бо институтҳои байналмилалии молиявӣ;

– аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ҷорӣ намудани системаи **хидматрасонии депозити «сабз»** барои шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ, **роҳандозии тарифҳои алоҳидаи имтиёзноки бонкӣ** барои чунин мизоҷон, таъсиси фонди сармоя барои рушди иқтисодиёти «сабз» ва рақамӣ.

Албатта, гузаштан ба иқтисодиёти «сабз» раванди босуръате нест, ки якбора ба амал ояд. Дар ин бобат мо набояд зарурати истифодаи фишангҳои молиявиро сарфи назар кунем. Бахусус, дар ин ҷараён нақши давлат, шароитҳое, ки барои механизмҳои бозор фароҳам мегарданд, барои то чӣ андоза рушд ёфтани соҳа аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Чорум, кам кардани микдори партови газҳои захрнок ба атмосфера ва таъмини бехатарии экологӣ.

Дар барномаи пешазинтихоботии мо як қатор пешниҳодҳое ба миён гузошта шудаанд, ки барои ҳалли **мушкилоти ифлосшавии ҳавои атмосфера** мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, пешниҳод шудааст, ки **саноати автомобилсозӣ то соли 2035 пурра ба истеҳсоли электромобилҳо ихтисос дода шуда, то соли 2050 ба бетарафии карбон ва эмиссияи сифри он** ноил гардем. Бо ин мақсад, мо вазифаҳоро бобати фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла, ривоҷдиҳии нақлиёти ҷамоатӣ аз ҳисоби электробусҳо, **ҷудо кардани қитъаҳои замин ба соҳибкорон барои бунёди стансияҳои заряддиҳандаи электробусҳоро** пешбарӣ менамоем.

Бо назардошти он, ки дар автомобилсозии ҷаҳон гузариш ба истеҳсоли мошинҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза босуръат рушд меёбад, мо ташаббуси **то соли 2035 зина ба зина ба электромобилҳо ихтисосонидани самти автомобилсозиро** ба миён мегузорем.

Умуман, вазифаҳои стратегие, ки дар барномаи пешазинтихоботии Ҳизби экологии Ӯзбекистон муайян шудаанд, ба рушди устувори мамлакат, ноил шудан ба бехатарии экологӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои насли имрӯзаву оянда, инчунин, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нигаронидашуда, аз ин ҷиҳат молики аҳамиятанд.

Халқамон, тамоми шаҳрвандонро, ки ба экология бефарқ нестанд, даъват менамоем, ки дар татбиқи вазифаҳои устувори дар барномаи мо муайянгардида, ноил шудан ба мақсадҳои муҳим бобати ҳифзи муҳити зист ва сарватҳои бебаҳои табиӣ фаъолона иштирок намоянд.

Баҳриддин ҲОФИЗОВ,
иҷрокунандаи вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои марказии Ҳизби экологии Ӯзбекистон.
Моҳира ХӮҶАЕВА,
номзад аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон,
барои депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

БА ҲИЗБИ ЭКОЛОГИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

ТАЪМИНИ САМАРАДОРИИ ИҶТИМОИИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ МАҚСАДИ НАКУСТ

O‘zbekiston ХАЛҚ Xalq demokratik partiyasi

Ҳуқуқ, баробарии имкониятҳо, талош барои некуаҳволии ҳар як инсон аз мизонҳои муҳим ва афзалиятноки рушди устувори давлат ва ҷомеа маҳсуб мешавад.

Дар шароити кунунии пуртаҳлука ва бенизоят мураккабе, ки дар ҷаҳон ҳукмфармост, арзиш ва аҳамияти ин масъала боз ҳам афзуд. Аз ин рӯ, нобаробарии иҷтимоӣ, ба вуҷуд омадани тафовут дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ мушкилоти муайянро ба миён меоварад.

Барои рушди устувори иқтисодиёт давлат бояд адолати иҷтимоиро таъмин намояд, ба ибораи дигар, фарогирии васеъ ва пайдарпайии механизмҳои ҳифзи иҷтимоиро кафолат диҳад.

Дар ин маврид бояд гуфт, ки имрӯз Ӯзбекистони Нав дар минбарҳои ҷаҳонӣ ба сифати давлати иҷтимоие эътироф карда мешавад, ки барои ҳар як шаҳрванди худ ғамхорӣ мекунад. Аз ҷумла, таваҷҷуҳи хоса ба соҳаҳои таълиму тиб, ки ба давлати иҷтимоӣ мувофиқ аст, махсусан дар натиҷаи тӯли ҳашт соли охир татбиқи дигаргуниҳои назаррас дар ин соҳаҳо самараи худро дод. Масалан, бино ба ҳолати моҳи январи соли ҷорӣ дар мамлакатамон сатҳи фарогирии бачагони 3–7 сола бо таълими томактабӣ ба 74 дарсад расид. Нишондоди фарогирии ҷавонон ба таълими олӣ аз 9 дарсад ба 42 дарсад афзуд.

Ислоҳоте, ки дар сохтор бо мақсади ба аҳолӣ наздик кардани хидмати ихтисосонида ва босифати тиббӣ анҷом дода мешавад, рости гап, бо душвориҳо бошад ҳам, оҳиста-оҳиста натиҷа дода истодааст.

Ба ин маъно, Ҳизби халқиву демократӣ, ки байни ҳизбҳои сиёсии дигар мавқеи алоҳида дорад, бобати **афзунсозии самаранокии иҷтимоии иқтисодиёти бозор** таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар барномаи пешазинтихоботии худ низ дар ин самт пешниҳодҳои мушаххас, ҳаётӣ ва халқонаро ворид кардааст, ки дар замири ин ҳақиқате ниҳон аст. Ин ба мақсади **амиқтар роҳандозӣ кардани ғояҳои инсондӯстӣ ва баробарӣ дар ислоҳот, мувофиқи тамоюли «инсон — ҷамъият — давлат» аз ҳама чиз боло гузоштани қадри инсон** вобаста мебошад.

Нақш ва иштироки фаъоли давлат муҳим аст

Ҳизби халқиву демократии Ӯзбекистон, **бо назардошти барқарории иҷтимоӣ, рушди иқтисодиётро** муҳим мешуморад.

Аммо мо ғояеро, ки рақиби асосии сиёсиамон – Ҳизби либерал-демократӣ дар барномаи пешазинтихоботии худ бобати бениҳоят кам кардани иштироки давлат дар иқтисодиёт, зиёд кардани ҳиссаи сектори хусусӣ тавассути хусусигардонии моликияти давлатӣ, ба тамоюлҳои бозор гузорондани соҳаҳои монополистӣ пешбарӣ менамояд, ба мавқеи худ комилан зид меҳисобем. Ба фикри мо, **дар иқтисодиёт иштироки давлат зарур аст, давлат набояд аз танзим ва ташаббускорӣ даст кашад.**

Ғайр аз ин, хусусӣ намудани тамоми моликияти давлат хато мебошад. Масалан, ба ихтиёри сармоягузорони хориҷӣ ва ё як гурӯҳ шахсон супурдани корхонаву заводҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим мумкин аст оқибатҳои манфиро ба миён оварад. Фикр мекунем, ки ин ба салоҳияти идораи давлат ва механизми танзими ҳаёти иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Инчунин, **иштироки фаъоли давлат дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ** дар таъмини бехатарии иқтисодӣ ва мустаҳкамсозии барқарории иҷтимоӣ нақши муҳим дорад. Бахусус, назорати давлатӣ бар бахшҳои муҳими стратегӣ, аз қабили саноати энергетика, нақлиёт ва мудофиа аз зери назорати манофеи хориҷӣ ё хусусӣ афтодани онҳо, ки метавонад ба манфиатҳои миллӣ зарар расонад, пешгирӣ мекунад.

Бесабаб нест, ки фаъолони ҲҲД **пурзӯр намудани нақши асосии танзими давлатро барои афзунсозии самаранокии ислоҳоти иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ зарурати ҳаётан муҳим** меҳисобанд.

Кафолати барқарорӣ ва фаровонӣ

Табиист, ки буҷети давлатӣ дар фароҳам овардани сатҳи фаровонии зиндагӣ, шароити муносиби меҳнат ва музди одилона, нафақаву ёрдампулӣ барои ҳар як инсон, роҳандозии кумаки иҷтимоӣ ва хидматрасонӣ, ба ибораи дигар, бобати татбиқи тамоюлҳои адолати иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда дорад. Асосан, истифодаи самараноки буҷети давлатӣ, ки аз ҳисоби андозҳои шаҳрвандон ташаккул меёбад, сарфакорию дақиқназарӣ, беш аз ҳарвақта аҳамият касб кардааст.

Дар Конститутсияи нави мо кафолатҳои ҳуқуқии таъмини иштироки фаъолонаи шаҳрвандон ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккули буҷети давлатӣ, муайян ва таъмини иҷрои қисматҳои даромаду харҷи он, ба роҳ мондани назорати ҷамоатӣ дар ин самт муайян гардид.

Бо назардошти тамоми омилҳои зикршуда, иқтидори иқтисодии давлат, пеш аз ҳама, бевосита ба буҷети кафолатдодашуда вобаста будани онҳо, дар айни замон **пурра ба Буҷети давлат равона кардани тамоми даромадҳо, ки дар натиҷаи хидматрасонии давлатӣ аз тарафи вазорату идораҳо**, ё тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун **ситонидани ҷаримаҳо аз шахсони ҷисмонӣ ва юридикӣ** ба даст меоянд, аз ҳар ҷиҳат дуруст аст. Ин пешниҳод ба вусъати имкониятҳои иҷрои самарабахши ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат такони муҳим мебахшад.

Вақте сухан дар бораи бо хонаву ҷой таъмин намудани табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии онҳо меравад, пешниҳоди барномаи пешазинтихоботии Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» дар бораи такмили системаи субсидия барои ба рӯйи ёб бароварданӣ ҳуқуқи шаҳрвандон бобати соҳиби хонаву дар шудан, натиҷаи дилхоҳро намедиҳад. Ба фикри мо, дар ин бобат механизмҳои дигари самарабахши иқтисодию иҷтимоӣ мавҷуданд. **Ҳизби халқиву демократӣ дар ин самт, масалан, барпо намудани хонаҳои иҷтимоиро пешниҳод мекунад. Механизми наве, ки мо пешниҳод мекунем, барои шаҳрвандони ниёзманду камдаромад боз ҳам самараноктар ба ҳисоб меравад.**

Бар зидди нобаробарии иҷтимоӣ

ҲҲД ҷорӣ намудани системаи андозбандии одилона барои консентратсияи аз ҳад зиёди сарват, сарфи назар аз даромад ва манбаи онҳо, яъне татбиқи механизмҳоеро, ки вобаста ба афзудани даромади шаҳрвандон афзоиши ставкаи андозро таъмин менамояд, мувофиқи мақсад меҳисобад.

Чунин чораҳо дар баъзе кишварҳои пешрафта барои пешгирии табақабандии иқтисодии аҳолӣ хидмат кардааст. Масалан, дар ИМА барои шаҳрвандоне, ки даромади солонаашон аз 11 ҳазор доллар кам аст, ставкаи андоз ба миқдори 10 дарсад истифода мешавад ва онҳое, ки беш аз 578 ҳазор доллар даромад доранд, ба 37 дарсад андоз месупоранд.

Системаи одилонаи андозбандӣ барои консентратсияи аз ҳад зиёди сарват ба кам кардани нобаробарии иҷтимоӣ тавассути андозбандии шахсони бадавлат ва ширкатҳои дорои даромади зиёду сарватманд мусоидат мекунад.

«Тонометр»-и сиёсати иҷтимоӣ

Бино ба маълумоти Созмони байналмилалии меҳнат, пешбинӣ шудааст, ки дар соли 2024 дар ҷаҳон шумораи бекорон ду миллион нафар зиёд мешавад ва сатҳи бекорӣ аз 5,1 дарсад ба 5,2 дарсад баланд мегардад. Дар аксар давлатҳои калони бистгона, даромади ихтиёрӣ кам шуда, дар натиҷаи таваррум (инфлятсия) паст шудани сатҳи зиндагӣ дар муддати кӯтоҳ қариб барқарор намешавад. Чун дар ҷаҳон, дар мамлакати мо ҳам ин масъала хеле муҳим аст.

Ҳизби халқиву демократӣ дар ин самт **ҷорӣ намудани модели миллии суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз рӯйи бекориро** пешниҳод мекунад. Он чунин системае хоҳад шуд, ки дар асоси он одамоне, ки дар пайдо кардани кор душворӣ мекашанд, бо сабабҳои гуногун аз ҷойи кор маҳрум шудаанд, муваққатан дар радифи бекорон қарор доранд, пайваста дасгирӣ карда мешаванд. Бояд гуфт, ки ин шаҳрвандонро на ба лоқайдӣ, балки ба фаъолии иҷтимоию иқтисодӣ водор менамояд.

Локомотиви рушди иқтисодӣ

Сармоягузорӣ драйвери мустаҳками рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар, ислоҳотро дар роҳи ба ҳамкори боэътимод ва дарозмуддати сармоягузорони хориҷӣ табдил додани Ӯзбекистон бо мамнуният қайд намуда, ёдовар мекунем, ки **боз ҳам такмил додани механизмҳои дастгирии сармоягузорони маҳаллӣ** хеле муҳим мебошад. Ин яке аз ташаббусҳои муҳими Барномаи пешазинтихоботии мост.

Содатар карда гӯем, ҳам ба сармоягузори хориҷӣ ва ҳам ба сармоягузори маҳаллӣ бо як чашм нигоҳ кардан лозим аст. Ин барои васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти содиротии саноатӣ, амиқ гардондани кооператсияи байнишабакавӣ ва рушди занҷири арзиши иловагӣ аҳамияти калон дорад.

Вақте сухан дар бораи ислоҳи иқтисодиёт, дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ меравад, баъзе аз ташаббусҳои барномаи пешазинтихоботии Ҳизби экологии Ӯзбекистон дар соҳаи иқтисодиёт мумкин аст, ки ба соҳибкорон, бахусус фермерон таъсири манфӣ расонад. Масалан, пешниҳоди ҳизб дар бораи «50 дарсад кам кардани ҳаҷми истифодаи пеститсид (доруҳои заҳрнок) то соли 2030» метавонад барои парваришкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мушкилоти муайянро ба бор оварад. Фермер ва деҳқонон барои аз ҳашарот ва ҷонварони зараррасони гуногун муҳофизат намудани растаниҳо ба истифодаи пестисид ниёз доранд. Дар акси ҳол, маҳсулот нобуд мешавад ё ба ҳосил зарар мерасад. Умуман, мо чунин меҳисобем, ки ҳизби экологӣ ин пешниҳодро чиҳати самарадоии иқтисодӣ ба таври дақиқ наандешида, ба миён гузоштааст.

Ба ҷойи хулоса

Дар ин давр, ки маъракаи таблиғотии пешазинтихоботӣ бо чӯшу хурӯш давом дорад, интихобкунандагон, ҳамватанонамон бо мақсаду ғояҳои барномавии ҳизбҳои сиёсӣ аз наздик шинос мешаванд, онҳоро меомӯзанд, муқоиса мекунанд.

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёт афзунсозии самаранокии иҷтимоии ислоҳот, фароҳам овардани шароиту имкониятҳо барои ба орзую мақсадҳои худ ноил гардидани ҳар як инсон, баланд бардоштани ҳисобдории давлат бобати фаровонии рӯзгор аҳамияти рӯзмарра дорад.

Дар Барномаи пешазинтихоботии ҳизби мо дар ин бобат таклифу ташаббусҳои дақиқ, ҳаётӣ ба миён гузошта шудаанд.

Барои самарадории иҷтимоии ислоҳоти иқтисодӣ ба Ҳизби халқиву демократӣ ва номзадҳои он овоз диҳед!

Тӯлқин ТӮРАХОНОВ,
ҷонишини раиси Шӯрои марказии ҲҲД Ӯзбекистон.

СИЁСАТИ ПУРЗӮРИ ИҶТИМОӢ – КАФОЛАТИ ФАРОВОНИИ ХАЛҚ

ADOLAT SOTSIAL-DEMOKRATIK PARTIYASI

«ҲСД «Адолат» дар барномаи пешазитихоботии худ таҳти унвони **«Сӯйи имкониятҳои баробар ва ҷомеаи одилона!»** ба сифати вазифаи устувор, ки дар панҷсолаи минбаъда дар назди ҳизб қарор дорад, **дар ҷомеа қарор додани тамоюли адолати иҷтимои**ро муайян намудааст.

Ҳизби сотсиал-демократии Ӯзбекистон «Адолат» барои амалӣ кардани ин ҳадаф дар барномаи худ зарур мешуморад, ки **барои пешгирӣ аз табақабандии шадид миёни аҳолӣ** чораҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигар андешида шавад. Ғайр аз ин, ҳизб ба масъалаи амалӣ гардондани **ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон** ба манзил, ки муҳимтарин самти дастгирии иҷтимоии аҳолӣ мебошад, таваҷҷуҳи махсус дод.

Маълум аст, ки солҳои охир тавассути дастгирии иҷтимоии аҳолӣ бобати кумак расондан ба оилаҳое, ки даромадашон зиёд нест ва ба беҳтар намудани шароити манзили худ эҳтиёҷ дорад, заноне, ки ба вазъи душвори иҷтимоӣ афтодаанд, ҷавононе, ки дар ҳаёти ҷамъиятии кишварамон фаъолона иштирок мекунанд ва табақаҳои дигари аҳолӣ ва дар дастгирии давлатии оилаҳои ба беҳтар намудани шароити манзилӣ муҳтоҷ як қатор механизмҳои самарабахши ба таъмини мақсаднок ва шаффофият нигарондашуда ҷорӣ карда шуданд.

Аз ҷумла, бо мақсади тезонидани ҷараёни азхудкунии маблағҳои барои субсидия ҷудошуда муҳлати огоҳсозӣ дар бораи субсидия аз **12 моҳ ба 4 моҳ** кам карда шуд. Дар баробари ин барои шахсоне, ки аз субсидия дар вақташ истифода набурдаанд, ҳуқуқи такроран муроҷиат кардан барои гирифтани субсидия нигоҳ дошта шуд.

Аммо дар ин равандҳо монеаҳои бюрократӣ дар равандҳои марбут ба фурӯши хонаҳо аз ҷониби соҳибкорон дар асоси субсидия, инчунин васеъ истифода нагардидани равандҳои рақамисозӣ, дар баъзе мавридҳо, соҳибкоронро аз фурӯши хонаҳои сохтаашон дар асоси субсидия маҳдуд мекунад.

Мо пешниҳод мекунем, ки субсидияҳо на танҳо аз ҳисоби давлат, балки бо роҳи ба ин раванд ҷалб намудани ташкилотҳои бинокорӣ ҳам ҷорӣ карда шавад. Аз ҷумла, ба ин тавассути чунин механизмҳо, аз қабили ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ, ки бунёд ва фурӯши манзилро дар асоси субсидия ба роҳ мондаанд, додани имтиёзҳои андозӣ, додани афзалият дар тақсимоти заминҳо ноил шудан мумкин аст.

Аз ин рӯ, дар панҷ соли оянда ҳизб барои такмили низоми ҷудо кардани имтиёзҳо ба шаҳрвандоне, ки воқеан ба субсидия барои сохтмон ва хариди манзил дар маҳалли интихобкардаашон эҳтиёҷ доранд ва дастгирии соҳибкороне, ки **дар асоси субсидия манзилҳои истиқоматӣ фурӯхтаанд**, ташаббусҳо ба миён мегузорад.

Объектҳои иҷтимоӣ бояд танҳо азони халқ бошанд

Дар Барномаи нави пешазинтихоботии ҳизб барои солҳои 2025-2029 ташаббусҳои иҷтимоӣ инъикос ёфтааст, ки **ба пойдор сохтани принсипи адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа** нигаронида шудаанд. Ҳамзамон, бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавии имрӯза, идомаи пайвастаи ислоҳоти халқпарвар, ки дар барнома оғоз гардидаанд, вазифаву ҳадафҳо муайян карда шуданд.

Тибқи таҳлилҳо, то имрӯз **дар 184 боғи фароғатии** ҷумҳурӣ майдони дарахтзорҳо кам карда шуда, **944** бино ва иншоот ғайриқонунӣ сохта шуда, дар **18** боғи истироҳатӣ **91 адад** дастгоҳи ғайриқонунӣ ошкор гардида, дар **98-тои** онҳо **1248** аттраксион ғайриқонунӣ насб карда шудааст.

Ғайр аз ин, таҷрибаи ба захираи ҳокимияти маҳаллӣ гирифтани заминҳои боғҳои истироҳатӣ ва баъдан хусусигардонӣ ё бегонакунӣ васеъ мегардад, ки дар натиҷа майдони боғҳо тавассути гаштаву баргашта тартиб додани ҳуҷҷати нави кадастрӣ коҳиш меёбанд.

Аз ин рӯ, дар барномаи ҳизб пешниҳод шудааст, ки **фурӯш, хусусигардонӣ ё бегона кардани боғҳои истироҳатӣ, лагерҳои кӯдакона, сайлгоҳҳо,** объектҳои давлатии ба таълиму тиб алоқаманд ва ҳудуди онҳо манъ карда, барои ин амалҳо ҷавобгарӣ муқаррар карда шавад.

Хатмкунандагони таълими олиро бо ҷойи кори аввалини кафолатнок таъмин мекунем

Ҳизб пешниҳод мекунад, ки барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ лоиҳаи **«Ҷойи кори аввалини кафолатнок»** амалӣ карда шавад.

Татбиқи лоиҳаи мазкур офаридани махзани (платформаи ягонаи) ҷойҳои корӣ холиро мақсад кардааст, ки барои бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ тахассусӣ гардида, барои ҳама дастрас буда, бо тартиби равшан ва асосҳои ҳуқуқии таъмини шуғли аҳолӣ, ки дар он донишҷӯён метавонанд ба кор ҷалб карда шаванд, равона карда шудааст. Ин дар айни ҳол, таваҷҷуҳи корфарморо ба кадрҳои ҷавон зиёд мекунад. Муҳимтар аз ҳама, он кафолат медиҳад, ки ҷавонписаron ва духтарон соҳиби ҷойи корӣ худ бошанд.

Зимнан зикр кардан ҷоиз аст, ки дар таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ба мақсади ҷорӣ намудани механизмҳои самарабахши риояи қонунҳо ва пешгирии баҳсҳои меҳнатӣ дар муносибатҳои байни коргарон ва корфармоён Ҳизби сотсиал-демократии Ӯзбекистон «Адолат» пешниҳод менамояд, ки **ҳимояи ҳуқуқи коргарони кирояро пурзӯр намуда**, тартиби **ба собиқаи корӣ ҳамроҳ намудани давраи кори кироя** ҷорӣ карда шавад.

Мувофиқи таҳлилҳо дар мамлакати мо 60 фоизи коргароне, ки дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд, коргарони кироя мебошанд. Он тавассути татбиқи ташаббуси ҳизб ба таъмини ҳифзи иҷтимоии ҳазорон нафар одамон, инчунин ба афзоиши муайяни иқтисодии даромадҳои андоз хидмат мекунад.

Идомаи ислоҳот дар соҳаи маориф – вазифаи аввалиндараҷаи ҲСД «Адолат»

Бешубҳа, дар бунёди давлате, ки дар он тамоюлҳои адолати иҷтимоӣ авлавият доранд, аҳамияти маориф, илм ва инноватсия хеле муҳим аст. Чунин равиши хоси давлати иҷтимоӣ, яъне меъёрҳо **оид ба соҳаи таълим** дар Конститутсияи навтаҳрир **ду баробар** зиёд карда шудааст.

Аз ин рӯ, ҳизб сармоягузорӣ ба маорифро ҳамчун сармоягузорӣ ба оянда, омили таъмини некуаҳволии мардум ва рақобатпазирии давлат медонад. Ҳизб мунтазам такмил додани низоми таълими муттасил, таълими босифат ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисосро дастгирӣ мекунад. Аз ин лиҳоз, ҳизб таҳияи тартиби қабул ба муассисаҳои таълимӣ аз рӯи ҳама гуна намуди таълим, бахусус **аз нав дида баромадани** тартиби қабули кӯдакон **ба муассисаҳои давлатии томактабӣ, дар ин бобат ташкил кардани «рӯйхати кушоди онлайн»-ро** зарур меҳисобад.

Инчунин, бо назардошти он ки фанни **«Технология»**, ки дар мактабҳо таълим дода мешавад, барои ояндаи хонандагон аҳамияти калон дорад, пешниҳод карда мешавад, ки ҷиҳати ба роҳ мондани таълими ин фан дар асоси талаботи замон тадбирҳои комплексӣ амалӣ карда, дар асоси зеҳни сунъӣ дар низоми таълим барномаи **«мактаби оқил»** ҷорӣ карда шавад.

Саломатии халқ – сарвати бузург, гарави зиндагии фаровон

Ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи ҳизб дар соҳаи тиб пешниҳод мешавад, ки **ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи тиб пурзӯр карда, ҳуқуқҳои онҳо кафолат дода**, дар баробари ин **дар бунгоҳҳои тиббии оилавӣ ва дармонгоҳҳои оилавии дурдаст** фаъолияти мутахассисони соҳаи махдуд роҳандозӣ карда шавад.

Аз ҷумла, дар барнома асосҳои ҳуқуқии ташаккул додани низоми **«тиббиёти оқил»** таҳия карда, ғояи густариши **дар соҳаи тибб васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои замонавии коммуникатсияҳои ахбор** пеш гузошта шудааст.

Чунин як низоми муассири тиббӣ ва ҳимояи ҳамаҷонибаи кормандони соҳаи тиб тибқи қонун дар бисёр кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла Олмон, Фаронса, ИМА ва Исроил васеъ истифода мешавад.

Илова бар ин, ҳизб ҷонибдори дар баробари низоми **«тибби оқил»** таъсис додани системаи **«поликлиникаи электронӣ»** ва **«анкетаи ягонаи электронӣ»** ва додани ташкилотҳои тиббии ғайридавлатӣ аз **«ташкилотҳои тиҷоратӣ» ба созмонҳои ғайритиҷоратӣ ҷиҳати ба манбаи даромад табдил наёфтани тибб** мебошад.

Ин имконият медиҳад, ки фаъолияти ин ташкилотҳои тиббӣ дар оянда бо дахолат накардан ба фаъолияти молиявии онҳо, бо тартиби назорати халқӣ омӯхтан, онҳо ба манбаи даромад табдил наёбанд.

Ҳамчунин, ҳизб дар барномаи худ вазифаҳоеро, ки дар самти танзими соҳаи дорусозӣ амалӣ мешаванд, пешниҳод намуда, бовар дорад, ки чунин низом **ба созишҳои махфии байни кормандони дорусозӣ ва тиб ва беасос боло рафтани нархи дорухо** хотима хоҳад дод.

Аз ин рӯ, ҳизб тарафдори пурра манъ кардани **созиши пинҳонӣ ва мулоқоти ғайриқонунии байни коркунони дорусозӣ ва тиббӣ, сарпарастии бадқасдонаи дорусозон ба муассисаҳои табобатӣ** ва муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои ин кирдорҳо мебошад.

Ҳизб дар баробари ин мехоҳад, ки ба хотири **арзон ва қулай будани дорувориҳ ва лавозимоти тиббӣ барои аҳолӣ** ва истифодаи технологияи назорати маводи дорувориҳ махзани ягонаи электронии дорувориҳ таъсис дода, дар саросари кишвар **системаи ягонаи электронии** занҷири ҳаракати дорухо дар асоси таҳрибаи хориҷӣ бо мақсади пешгирии афзоиши сунъии нархи дору ҷорӣ карда шавад.

Шумо, интихобкунандагони муҳтарамро даъват мекунем, ба Ҳизби сотсиал-демократии Ӯзбекистон «Адолат», ки дар арсаи сиёсӣ худро дар мақоми **«маркази чап»** муаррифӣ карда истодааст, ба номзадҳои ба вакилии Палатаи қонунгузории Олий Мачлис ва Ҷокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шӯроҳои вилоят, ноҳия ва шаҳр нишон додашуда, ғайр аз ин, ба тарафдории Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат», ки бо ақидаҳои халқпарвари ҳаётбахши худ ҷойгоҳ ва обрӯи худро дорад, овоз диҳед!

Ба сӯйи имкониятҳои баробар ва ҷомеаи одилона!

Муҳаммадҷон ВАЛИЕВ,
Ойдин АБДУЛЛАЕВА,
номзадҳо барои депутатии Палатаи қонунгузории Олий Мачлис, ки аз ҲСД «Адолат» пешниҳод шудаанд.

БА ҲИЗБИ ХАЛҚИВУ ДЕМОКРАТИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

БА ҲИЗБИ СОТСИАЛ-ДЕМОКРАТИИ ЎЗБЕКИСТОН «АДОЛАТ» ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

Маориф муҳимтарин соҳа, мактаб муҳимтарин муассиса ва омӯзгорӣ шарифтарин касб аст.

Шавкат МИРЗИЁЕВ

БИЁЕД, ЭЙ РАФИҚОН, ДАРС ХОНЕМ!

Ин даъвати устоди бузург, сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ба ҳар як фарди тоҷик ошност. Мактабу маориф дар ҳамаи давру замон ҳамчун маскани асосии донишандӯзӣ маҳсуб ёфта, хушбахтона, ин рисолати худро дар замони истиқлол боз дар шакли муназзаму доманфарох ва дар биноҳои замонавии муҷаҳҳаз самарабахш анҷом медиҳад. Зеро мақз тавассути фаъолияти муассисаҳои таълимӣ фарзандони мардум хату савод мебароранд, илмнок ва соҳиби касбу кор мешаванд.

Омӯзгорони ноҳияи Сӯх дар ин росто босамар меҳнат намуда, дар бобати таълиму тарбияи фарзандони мардум ба дастовардҳо низ муваффақ мешаванд. Аҳли мактабу маорифи ноҳия Рӯзи омӯзгорон ва мураббиёнро бо дастовезҳо муносиб истиқбол гирифтанд. Дар тамоми муассисаҳои таҳти тасарруфи шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия бахшида ба иди касбӣ чорабиниҳои маънавию маърифатӣ баргузор шуданд. Як қатор пешқадамон бо «Ифтихорнома» ва мукофоту туҳфаҳои хотиравӣ қадршиносӣ гардиданд.

Ногуфта намонад, ки чанде муқаддам зимни ташриф ва дидору мулоқоти вазири таълиму томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ Ҳилола Умарова бо ходимони соҳаи таълими ноҳия як гурӯҳ фидоиёни соҳа бо нишонҳои сариси-нагӣ сарфароз гардиданд.

Ҳоло дар ноҳия 33 мактаби таҳсилоти умумӣ (5-тои он мактаби тахассусии давлатист), 29 ташкилоти таълимии томактабӣ ва 39 кӯдакистони оилавӣ фаъолият доранд. Бино ба ҳолати оғози соли таҳсили 2024-2025 дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия 17 ҳазору 929 нафар донишомӯзон таҳсил мегиранд.

Таълим дар мактабҳо ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ сурат мегирад. Дар 14 мактаб таълим танҳо ба забони тоҷикӣ, дар 15 мактаб таълим ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба роҳ монда шудааст. Дар як мактаб таълим ба забони ӯзбекӣ ҷараён дорад, ки дар он бештар фарзандони афсарону сарбозони қисмҳои марзбонӣ таҳсил мекунанд.

Дар соли таҳсили 2023-2024 муассисаҳои таълими ҳамагонии моро 1222 нафар хатм намуданд. 279 нафар, яъне 23 дарсади онҳо ба мактабҳои олӣ дохил шуданд.

Инчунин донишомӯзони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия дар олимпиадаҳои фаннӣ фаъол ширкат мекунанд ва ҷоизаҳои ифтихориро ба даст меоваранд. Соли равон шогирди мактаби таҳсилоти умумии рақами 28 Шодиёна Собирҷонова дар зинаи ҷумҳурии олимпиадаи фаннӣ аз «Забон ва адабиёти тоҷик» сазовори ҷоии дуюм гардид ва ҳоло муҳассили Донишгоҳи давлатии Фарғона мебошад.

Дар ибтидо қайд намудем, ки дар ноҳия ташкилотҳои таълими томактабии давлативу ғайридавлатӣ фаъолият доранд. Дар онҳо 6934 нафар кӯдакони аз 3 то 7-сола бо таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳаҷми умумии фарогирӣ 63,7 дарсадро ташкил мекунад. Аз ин рӯ, ҳоло дар ин самт корҳои зиёд барномарезӣ шудаанд.

Фозилҷон МИРЗОЕВ,
мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Сӯх.

Вилояти ФАРҒОНА.

Дар фазои дӯстӣ

«ҲАР ҶО, КИ РАВӢ, ПИСАНД ОЙ...»

Аҳли деҳоти Чоркӯҳи шаҳри Исфара, ки то имрӯз дар хоку оби муқаддаси он фарзандони шоиста ба камол мерасанд, аз чунин нафарони фариштахӯ, аҳли илму маънавият ифтихор доранд ва аз ҷумлаи чунин ашхос муаллимаи азизу арҷманд Мусаллама Холиқова мебошад. Мусаллама омӯзгори асил, зани вафодору эҷодкор, модари ғамхор. Қалбаш саршори меҳру садоқат нисбат ба Ватани маҳбуб, касби пуршараф аст ва шогирдон аз ҳар як дарс ва суҳбати хирадмандонааш ғизои маънавӣ мегиранд. Ҳар каломаш, ҳар нигоҳ, ҳар навозишу сарзанишаш барои шогирдон таконе ба дунёи пурмаонист. Фидокорӣ дар роҳи илм, машаққати бепоён, масъулияткашиносӣ ва меҳру муҳаббати зиёд нисбат ба омӯзгорону хонандагон шиори зиндагии ӯст. Муаллима чун фидоии роҳи маориф ва фарҳангу маърифат шинохта шудааст.

Ҳаёту фаъолияташ намунаи ибрат ба ҷавонон.

Ӯ дар мактаби рақами 17-уми шаҳри Душанбе маълумоти миёна ва дар факултаи забону адабиёт ва рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маълумоти олиро гирифтааст. Аз соли 1991 ба кори омӯзгорӣ дар мактаби миёнаи рақами 23-юми шаҳри Душанбе оғоз кардааст. Аз соли 1994 то имрӯз бо сари баланду ифтихори бепоён дар мактаби номдори рақами 27-уми ба номи Муталиб Ҷӯраев кору фаъолият намудааст.

Шогирдони эшон дар даври минтақавию шаҳрии олимпиадаи мактаббачагон сазовори ҷоизаҳои намоён гаштаанд. Ҳамаи ташкилотчигиву пешқадамии муаллимаро ба инобат гирифта, ӯро соли 2012 директори мактаб интихоб менамоянд ва муаллима то соли 2016 ин вазифаи пурмасъулиятро иҷро мекунад. Хидматҳояшро ба назар гирифта бо нишони «Аълочии маориф ва илм» қадршиносӣ гардидааст.

Муаллима бо шавҳари дилёбу оилапарвараш зиндагии осуда дорад, соҳиби 2 фарзанд ва 5 набераи дӯстрӯяк мебошад.

Волидонаш аз Самарқанди қадим ва навбунёд буда, имрӯзҳо хоҳарону бародаронаш он ҷо зиндагӣ мекунанд. Модари меҳрубонаш апаи Анорхол ҳамеша дуогӯйи онҳост. – Тақдир ва насибаи ду духтарам – Мусалламу Моҳира дар Тоҷикистон будааст. Рӯзҳои душворро аз сар гузарондам, ба дидори онҳо зор будам, шабҳо болинам аз ашкҳои пазмонӣ тар мешуд. Барои иштирок дар тӯю маъракаҳои ҳамдигар моҳҳо ҳуҷҷат пур мекардем. Худованд оҳи ман барин модарони аз фарзандашон дурро шунид. Инсондӯстии роҳбарони ду кишвар буд, ки гузаргоҳҳоямон боз гардиданд ва ана имрӯз бемонеа, бе душворӣ бо фарзандону қарибонамон зуд-зуд дидорбинӣ мекунем, – бо шукронаҳои зиёд мегӯяд апаи Анорхол.

Ва ин буд, ки тарбияи хубу сазоворро Мусаллама аз хонаводаи гиромиаш гирифтааст, анъанаи хуби онҳоро дар гӯшаи Чоркӯҳ дар хонадонаш ҷорӣ намуда, фарзандони некро тарбия кардааст. Ба муаллима сари таъзим фуруд меорам ва самимона дар ин рӯзҳо, ки иди касбии омӯзгорон буд, барояш тамоми хушиҳои зиндагиро таманно менамоям. Орзу дорам, ки сафи бонувони боадабу боиффат ва бофарҳанге чун Мусаллама афзун гардад.

Тамоми омӯзгорони фидоии кишвари ҳамсоя – Ӯзбекистонро бо иди гузашта табрику таҳният мегӯем ва ба онҳо дар касби пуршарафи омӯзгорӣ, тарбияи насли наврас бурдбориҳо хоҳонем. Шамсиддини Шоҳин фармудааст:

Зинҳор ба ҳирфати
падар кӯш,
Бар дидаи мардум
аз ҳунар ҷӯш.
Оини хирад ба даст овар,
Моҳии ҳунар ба
шаст овар.
Ҳар ҷо, ки равӣ,
писанд ой,
Пеши ҳама
сарбаланд ой.

Абдураҳмон АВЕЗОВ,
муовини директори мактаби миёнаи рақами 27-уми шаҳри Исфараи Тоҷикистон.

ҲАФТАИ ҚАДРШИНОСИИ УСТОДОН

Бо ташаббуси садорати вилоятии вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсияи ҷумҳурӣ ҳафтаи «Қадршиносии устодон» роҳандозӣ шудааст. Дар ин бора дафтари матбуоти ин садорат маълумот ироа намуд. Пеш аз таҷлили Рӯзи омӯзгорону мураббиён зиёрати устодони собиқадор, ки солҳои тӯлонӣ дар ин росто заҳмат кашида, шогирдони зиёд тарбия намудаанд ва ҳоло даври пирӣ меронанд, кори хайру савоб мебошад.

Ба ин муносибат дар муассисаҳои таълими олии вилоят ва як қатор таълимгоҳҳои дигар чорабиниҳои гуногун, мисли «Воҳӯрии се насл», инчунин суҳбату мулоқотҳои доманфарохи устодону донишҷӯён ва толибилмони коллеҷҳову техникумҳо ба вуқӯъ пайвастанд. Ҳар як чорабинӣ хеле ҷолибу хотирмон ташкил шуд.

Яке аз чунин чорабиниҳо дар ноҳияи Ёзёвон оғоз ёфт. Дар ин ноҳия масъулини садорат ба хонаи омӯзгорон — устодони омӯзишгоҳи касбӣ-техникии раками 2-юм омада, онҳоро бо идошон табрику таҳният намуданд ва бароямон туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карданд.

Маъмурияти омӯзишгоҳ баъди ин мулоқоти хотирмон эстафетаро ба даст гирифта, ваъда доданд, ки дар арафаи рӯзҳои иду санаҳои таърихӣ аз вазъи зиёда аз 60 нафар омӯзгорони собиқадоре бохабар хоҳанд шуд, ки дар ин муассисаи таълимӣ ва касбӣ солҳои дароз кор кардаанд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ФАРҒОНА.



Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Чек»-и ноҳияи Тошлоқи вилояти Фарғона бинои иловагии мактаби таълими умумии рақами 26 ба истифода супорида шуд. Барои бунёди бинои нав, ки баҳри 420 нафар донишомӯз пешбинӣ шудааст, 5 миллиард сӯм сарф гардид.

Мактаб мувофиқи талаби замон тармиму таҷдид гардида, дар он барои таълими босифат гирифтани хонандагон шароитҳо фароҳам оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки бинои куҳнаи мактаби мазкур соли 1972 сохта шуда, дорои 320 ҷойи нишаст буд. Аз сохта шудани бинои изофавӣ ва таъмир гардидани бинои куҳна, хурсандии хонандагон, падару модарон ва омӯзгорони мактаб ҳадду канор надорад.

Сурати ӮзА.

Имрӯз – Рӯзи забони тоҷикӣ

ЗАБОН ПОЯИ МИЛЛАТ АСТ,

ё худ чаро забони модариро намепарастем?

Дар майдончаи назди мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ рӯйи курсии зери дарахти зардолу нишаста будам. Занги баромад аз дарс садо дод.Толибилмон гурӯҳ-гурӯҳ берун омаданд. Писарбачаҳои синфи сеюми мактаб аз ман каме дуртар машғули суҳбат шуданд. Бараъло ба гӯш мерасид, ки мавзӯи суҳбати онҳо дорири натиҷаҳои бадастовардаи варзишгарони ӯзбекистонӣ дар Олимпиадаи Париж-24 идома дошт. Аз муваффақиятҳои варзишгарон шодии онҳоро интиҳо набуд. Диққати маро забон ва тарзи баёни онҳо ба сӯйи худ кашид.

– Баҳодур «олтин» гирифт.

– Боксёрони Ӯзбекистон панҷто «олтин» гирифтанд. Диёра ҳам аз гуштингирӣ «олтин» гирифт...

Дар тадбири «Занги аввал» ва «Иди дониш» низ иштирок карда будам. Аз 13 нафар толибилмоне, ки ба синфи якум омадаанд, панҷ нафар, ки ба кӯдакистон нарафтаанд, ба забони тоҷикӣ шеър қироат карданд.

Ин ҳолатро дида, тааҷҷубам афзуд. Таълиму тарбия дар мактаб ба забони тоҷикӣ пеш бурда мешавад. Аҳолӣ саросар тоҷик аст. Дар деҳа касе ба забони дигар муошират намекунад, агар меҳмони бегонае аз ҷойи дигар омада набошад.

Чор-панҷ нафар омӯзгорон наздам омаданд. Дар суҳбат будем, ки омӯзгори синфи якум Ғиёс Зайниддинов омад. Ғамгин, табъаш хира буд. Салому алейкро як сӯ гузошта, дарду ҳасрат кард: – Ман бо ин хонандагон чӣ хел кор барам. Ба забони тоҷикӣ савол диҳам, ҷавоб дода наметавонанд.

Ҳамин лаҳза гӯшаки мобилии Дилмурод Қӯзиев садо дод. Гӯшакро ба даст гирифта гуфт: омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 43-юми деҳаи ҳамсоя занг мезанад.

– Муаллим, – садо омад аз он ҷониб, – ба синфи якум 23 нафар толибилм омад. Ба саволҳои ман хонандагон ба забони тоҷикӣ ҷавоб дода наметавонанд. Аксарияти онҳо дар кӯдакистон таълиму тарбия гирифтаанд. Маро чӣ маслиҳат медиҳед, аз куҷо корро оғоз бахшам?

Ҳама бо алам ханда кардем, хандаи заҳролуд.

Ханда, ки аз дил
накушояд гирех,
Гиряи бевақт зи он
ханда бех.

– Мо ҳам гирди ҳамин мусаммо баҳс дорем, – гуфт Дилмурод дар ҷавоб. – Хулосаи баҳсро ба ту низ мерасонам...

Рӯзи дигар ба муассисаи таълими томактабии деҳаи ҳамсоя рафтам. Бинои муассисаи давлатии таълими томактабии рақами 17 тибқи лоиҳа соманавӣ бунёд ёфтааст. Қади роҳи даромадгоҳ бо гулҳо, раставу саҳначаҳои бозӣ хуб тачҳизонида шудааст. Гурӯҳе дар гӯшаи ҳавлӣ ба забони тоҷикӣ сурудхонӣ доштанд.

Вориди бино шудам. Толор ва хонаҳои таълимиву истироҳатӣ хуб муҷаҳҳазанд.

Мудири муассиса Расул Расуловро дар коргоҳаш пайдо кардам. Маълумоти олӣ дорад ӯ, вале шахси камгап аст. Соли гузашта низ бо Р. Расулов суҳбат кардаам доири обуна ба «Овози тоҷик». Дар наздам ба ду нусхаи газетае обуна шуду ба «Овозӣ тоҷик» на! Зимни суҳбат суолаш додам: Оё ҳамаи кормандони муассиса медонанд, ки дар Ӯзбекистон кадом маҷаллаву рӯзномаҳо ба забони тоҷикӣ чоп мешаванд? «Овози тоҷик» ва «Ховар»-ро ном гирифт. Суолро такрор намудам. – На, намедонанд ҳама, – посух дод ӯ.

Ба суҳбати мо роҳбари гурӯҳи услубшиносӣ ҳамроҳ шуд. Бонуи сухандон будааст. Аз набудани дастурҳо ва китобҳои бачагона ба забони тоҷикӣ сухан пеш оварда. Илова намуд, ки Бахтиёр Раҳимов аз шаҳри Хуҷанд даҳ дона китобҳои бадеии бачагонаро овардааст. Таъкид дошт, ки соатҳои таълимӣ ба забони тоҷикӣ гузаронида мешаванд, мавзӯъҳоро дар журнали гурӯҳ ба забони давлатӣ бо алифбои кирилӣ қайд мекунем.

– Магар тарҷимаи нақшаҳо ба забони тоҷикӣ имкон надорад? Оё бо ду мактаб, ки дастпарварони шумо толибилмони он мактабҳо мешаванд, ҳамкорӣ доред? – суолаш додам.

– На, ин раванд хуб ба роҳ монда нашудааст, – посух дод Р. Расулов. – Дар ин раванд кор бурда истодаем. Рӯзҳои наздик барномаҳои таълимиву тарбиявиро ба забони тоҷикӣ тарҷума мекунем. Албатта, бо ҳар ду мактаб робитаро қавӣ мегардонем, – ваъда дод мудири муассисаи таълими томактабӣ.

Рӯзи дигар боз ба муассиса рафтам. Варианти электронии китобҳои А. Деҳотӣ «Фирӯзҷон хобидааст» ва М. Миршакар «Ғунчаҳои хандон»-ро ба компутер гузаронидем, то ки тарбиячиён аз онҳо истифода баранд.

Бо тарбиячиёни фаъоли муассисаи таълими томактабӣ Сайёра Муродова ва Шаҳло Ғаффорова мулоқот доштем. Ҳар ду ибрози доштанд, ки корҳои таълиму тарбия пурра ба забони тоҷикӣ анҷом дода мешаванд. Вале ба таълиму тарбияи фарзандон падару модарон беэътибор мебошанд.

Бешубҳа, ҳақиқат ин ҷо ниҳон аст. Имрӯз аксар модарони ҷавон барои ором нигоҳ доштани кӯдакони 2-3 сола гӯшакҳои мобилиро васеъ мавриди истифода қарор медиҳанд. Онҳо ягон мултфилм ва ё таронаеро пайдо намуда, пешниҳоди кӯдак мекунанд. Кӯдак бо мароқ онҳоро тамошо мекунад. Аз таъсири манфии гӯшаки мобилӣ на кӯдак огоҳӣ дораду на модарро парвои он. Хомӯшии кӯдак бас аст ӯро. Чун кӯдакони аз сесола боло аз кӯдакистон бармегарданд, назди ҷаҳоннаморо ба «иҷора» мегиранд. Кӯдакони аз сесола боло бисёр шӯху бекароранд. Ин хусусияти кӯдакон модари ҷавонро хуш намеояд. Воситаи асосии ором нигоҳ доштани онҳо боз ҳамон ҷаҳоннамову гӯшаки мобилӣ аст. Онҳо ҳайвонот ва бозиҳои гуногунро бо забони давлатӣ дидаву шунида, дар хотираи худ сабт мекунанд. Ҳангоми суханронӣ ба забони модарӣ истилоҳоти шунидаашонро истифода мебаранд.

Мегӯянд, ки 80 фоизи тарбияи фарзанд марбут ба модар аст. Афсус, аксар модарон муҳимтарин масъулият – тарбияи маънавии фарзандро имрӯз ба зиммаи ҷаҳоннамову гӯшаки мобилӣ во гузоштаанд. Ҷойи «Алла»-и модар ва момоёнро сурудҳои дилхарош гирифтаву ҷойи афсонаву ҳикоёти меҳрпарварро филмҳои мултипликационӣ фаро гирифтаанд.

Ба таълиму тарбияи кӯдакон айбдор донистани кормандони кӯдакистон аз рӯйи адолат нест. Нуқсонҳои кори таълиму тарбияи кӯдаконро бештар аз фаъолияти волидон бояд дарёб кард. Аввалан, волидон фаъолияти фарзандро назорат намекунанд. Тамошои мултфилм хуб аст. Аммо ҳар як кор меъёр дорад. Ва ҳар он чӣ ки кӯдакон дидаву мешунаванд, ба забони модарӣ низ тарҷима карда шавад, то кӯдак варианти тоҷикиашро дар хотир нигоҳ дорад. Дар ин сурат забони кӯдакон ба лисони модарӣ низ пухтаву сара мегардад.

Сониян, аксар падару модарони ҷавон ба забони модарӣ равон ҳарф намезананд. Забоне доранд омехтаи калимоти чандин забон. Чунки онҳо ба забони модарӣ китобу рӯзнома намехонанд.

Волидон бояд ба кӯдакони худ ҷаламу коғаз харид кунанд. Кӯдакон ба расмкашӣ хоҳиши бештар доранд. Харид кардани китобҳои расмдори ранга мувофиқи сол ва манфиат холӣ нест.

Боре бо ҳамроҳии як рафиқам ба бозор рафтем. Набарааш низ ҳамроҳамон буд, ки 4 ё 5 сол дошт. Моро назди растаи китобҳо бурд. Рафиқам ба ӯ албоми расмҳоеро пешниҳод кард, ки рӯйи муқоваааш расми зани дӯзанда акс ёфта буд. Кӯдак албомро рӯйи раста гузошт ва худ албомеро интихоб намуд, ки дар он тасвири техникаи гуногуни ҳоҷагии деҳот акс ёфта буд. Ё имрӯз бозичаҳои зиёде мавҷуданд, ки кӯдаконро ба андешаронӣ водор месозанд. Кӯдакон аз онҳо ҳар гуна асбоб, хонаву бино месозанд. Дар ин замина қобилияти фикрронии худро ташаккул медиҳанд. Агар ин гуна имконот дар хонаҳо муҳайё бошад, кӯдакон ба гӯшаки мобиливу ҷаҳоннамо чун ширеш намечаспанд. Ва ба саломатии худ осеб намерасонанд. Ва агар ҳар якеи онро падару модар ба забони модарӣ шарҳу эзоҳ диҳанд, нур болои нур мегардад.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

БИШНАВ СУХАНИ МАРО, КИ ПАНД АСТ...

Доир ба нақши забон, мавқеъ ва аҳамияти он аз қадимулайём донишмандону мутафаккирон ва аҳли илму адаб ибрози андеша кардаанд, ки дар ин хусус мо бисёр гуфтаему хондаем. Вале забон то зинда аст, гуфтаҳои бузургон идома меёбад ва ба насли оянда расонда додани он вазифаи ҳар як забондӯсту забоншинос аст.

Забон дар тамоми давраҳои тараққиёти ҳаёти ҷамъиятӣ барои рушду камоли маърифату маънавиёти инсон нақши калон бозидааст ва имрӯз ҳам ин вазифаи боифтихорро бошарафона адо менамояд. Халқе, миллате бе забони ягонаву умумӣ вуҷуд дошта наметавонад ва беҳуда забонро пояи миллат нагуфтаанд.

Адиби барҷастаи доғистонӣ Расул Ғамзатов ба ин маънӣ гуфтааст: «Агар донам, ки пагоҳ забони ман аз байн меравад, дар он сурат тайёрам, ки имрӯз бимирам».

Дар китоби муқаддаси ниёгонамон «Авесто» бузургии сухан таъкид шуда ва дар силсилаи сегонаи ахлоқ (пиндори нек, рафтори нек, гуфтори нек) сухан дар марказ қарор гирифтааст.

Дар ҳамин ҷо бамаврид аст, ки айёми мактабхонии худро, ки ба солҳои 1967-77 рост меояд, ёдовар шавам. Муаллимони забон ва адабиёти тоҷик Ӯзбекбой Рӯзиев, Эсан Муродов (охираташон обод гардад!) ва Абдуназар Набиев доир ба ҳар як мавзӯе, ки аз адабиёт мегузаштанд, бо иштироки хонандагон саҳначаҳо мегузоштанд, ки ин усули дарс хотираи хонандаро қавӣ мегардонд. Аз ҷумла, доир ба «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ, «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва монанди ин. Дар дарси навбатии адабиёт доир ба аҳамият ва бузургии забон порчаеро аз зиндагиномаи файласуф ва донишманди маъруфи Юнони Қадим Эзопи зиштсурати нексират, ки тавассути ақли расову забони шево рухсатномаи озодӣ аз ғуломиро ба даст оварда, рӯи саҳна оварда будем. Хонандае нақши Эзоп ва дигаре нақши Ксанф (яке аз ҳукмдорони Юнони Қадим)-ро бозид. Аз ҷумла, аз он порча намунаеро дар зер меоварем:

«Ксанф: – Акнун чӣ овардӣ?

Эзоп: – Забон.

Ксанф: – Боз забон? Магар ба ту нагуфта будам, ки барои меҳмони ман беҳтарин хӯрокиҳоро биёрӣ? Барои чӣ фақат забон овардӣ? Мехоҳӣ, ки ман масхара шавам?

Эзоп: – Чӣ чиз беҳтар аз забон шуда метавонад? Забон моро ба якдигар муттаҳид мегардонад. Забон калиди донишҳо ва аслиҳаи ҳақиқату хирад аст. Ба воситаи забон шаҳрҳо месозанд, мо ба воситаи забон ишқу муҳаббати худро изҳор менамоем, бо воситаи забон дарс меомӯзанд, ҳақро ба субут мерасонанд, панд мегӯянд, ситоишу ибодат ба ҷо меоранд, гап мефаҳмонанд, месароянд, исбот мекунанд, тасдиқу таъкид менамоянд. Ба воситаи забон лафзҳои «модар», «ёр» ва «Парвардигор»-ро зикр мекунанд. Мо бо воситаи забон «бале» мегӯем. Сардори сипоҳ сарбозонашро ба воситаи забон ба ғалабаву зафар раҳнамоӣ мекунад.

Ксанф (нимхез шуда бо шавқ гап мезанад): – Офарин, офарин, Эзоп! Сухани ҳақ гуфтӣ... Ту ҳақиқатан беҳтарин чизи ҷаҳонро барои мо овардӣ. (Боз як ҳамён пул бароварда барои Эзоп мепартояд). Боз ба бозор рав, ин дафъа бадтарин чизро биёр. Ман ба донишмандии ту боварӣ пайдо кардан мехоҳам...

Эзоп табақи болопӯшидае меорад.

Ксанф: – Ҳоло, ки чӣ будани беҳтарин чизи дунёро фаҳмидем, биё бубинем, ки ба фикри ин маъюби зишт бадтарин чизи дунё чист. (Рӯймолро аз рӯи табақ мебардорад). Забон? (Хашмгинона) Боз забон?... Забон?... Эй кундфаҳм, магар худат нагуфта будӣ, ки забон беҳтарин чизи дунёст? Магар боз шаллоқ хӯрдан мехоҳӣ?

Эзоп: – Забон аз бадтарини чизҳои дунёст. Забон манбаи ҳамаи дасисаву балоҳост, оғози фитнаҳо ва модари тамоми баҳсу ҷанҷолҳост. Забонро шоирони беҳунар бечо ба кор бурда, боиси озори гӯши мардум мешаванд. Файласуфоне, ки қобилияти тафаккур надоранд, забонбозӣ мекунанд. Забон дурӯғ мебофад, ҳақиқатро пинҳон месозад ва дурустро нодуруст нишон медиҳад. Забон ғайбат мекунад, ба касон таҳқир меоварад ва буздилона пинҳон мешавад. Забон барои садақа пурсидан ва гадоӣ кушода мешавад, забон ба мардумон лаънату нафрин мегӯяд, хашму ғазаб зоҳир месозад, тӯҳмат мекунад, мефурӯшад, ҳилаву фиреб ба кор мебарад. Забон хиёнат мекунад, фасод меандозад. Бо воситаи забон ибораҳои «бимир», «бандаву ғулом»-ро ба кор мебарем. Ксанф, ана барои чӣ забон аз бадтарин чизҳои дунё мебошад!»

Ҳукмдор Эзопи забондонро аз ғуломӣ озод карда, тӯҳфаҳои қиматбаҳо месупорад».

Суду зиёни забон барои инсон, пешрафти ҷамъият хеле муҳим аст. Аз ин ҷост, ки бисёр равшанфикрон, бузургони хирад доир ба забон, мавқеи он дар ҷамъият панду андарзҳои зиёде гуфтаанд. Чунончӣ Саъдии бузург фармудааст:

Нахуст андеша кун, он гоҳ гуфтор,
Ки номаҳкам бувад беасл девор.

Сухани бечо, беҳудаю бемаънӣ ақлро мекоҳонад, шахсро беҳурмату беиззат мегардонад. Сухан чу заҳру позаҳр буда, сеҳри он дармони дардҳост. Ба ин маънӣ Абӯшакури Балхӣ гуфтааст:

Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармони дард.

Фирдавсӣ суханро тоҷи дониш ҳисобида, азбар кардани онро таъкид намудааст:

Шунида суханҳо фаромӯш макун,
Ки тоҷ аст бар фарқи дониш сахун.

Сухани барои соҳирон сеҳру баҳри ҷанговарон шамшер будааст, шоири мумтози мо Мӯъмин Қаноат қудрату сеҳри суханро басо хубу амиқ ба қалам додааст:

Суханро вазну тамкини замин бояд,
Суханро қудрати ҷоҳофарин бояд...
Суханро сеҳри мурдан,
зинда гардидан,
Хазон дидан, баҳорон боз сабзидан...

Бадриддини Ҳилолӣ низ доир ба қудрату судмандии сухан, барои фарзанд, барои насли оянда панд будани онро таъкид намудааст:

Бишнав сухани маро, ки панд аст,
Панди падар аст, судманд аст.

Саодат БЕКНАЗАРОВА.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1028.
Адади нашр 4182. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.